Дар навбати худ, дар ҶТ аз соли 2010 то соли 2015 46212, дар соли 2016 8891, дар соли 2017 101000, дар соли 2018 11013, дар соли 2019 12482, дар соли 2020 10536, дар соли 2021 12497, дар соли 2022 12792 талоқ ба қайд гирифта шудааст[5]. Аз соли 2015 то соли 2020 афзоиши назарраси талоқ байни зану шавҳари хориҷӣ мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки дар маҷмӯъ 1149 никоҳ баста шуда, аз ин 96 ақди никоҳ дар давраи зикршуда бекор карда шудааст.[6] Омори манфии талоқ на танҳо аз мавҷудияти мушкилот дар байни ҳамсарон шаҳодат медиҳад, балки ҳалли мушкилоти марбут ба таъмини молии фарзандон ва ҳамсарони собиқро тақозо мекунад.

Талоқ на танҳо ба ҷудошавии зану шавҳар ва ба таври воқеӣ ҳаёт ба сар бурдани онҳо боис мешавад, балки ба раванди афзоиши нуфузи аҳолӣ ва тағйирёбии сохтори оилаҳо низ алоқамандӣ дорад.

Тавре мушоҳида менамоем, тадобири мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон барои ҳифзу таҳкими оила нокифоя мебошад. Оилае, ки зери таъсири равандҳои манфии марбут ба ҷаҳонишавӣ: муҳоҷирати аҳолӣ, мушкилоти иқтисодӣ аз нигоҳи равонӣ омода набудани шахсоне, ки ба ҳам ақди никоҳ мебанданд, на ҳамеша ба суръати муосири ҳаёти иҷтимоӣ тоб оварда метавонанд. Ҳамаи ин боиси ба миён омадани талоқҳо мегардад, ки ба тарбияи насли наврас таъсири манфӣ расонида, роҳу воситаҳои иҷтимоӣ ва тақлидсозии хешро аз даст медиҳад.

---

[4] Тусеркони, А. Сардори САҲШ дар нишасти матбуоти бо намояндагони ВАО, 9 майи соли 2015 (соли 1394).

[5] Ниг.: Омори расмии мақомоти САҲШ-и Вазорати адлияи ҶТ; Абдулхайрзода Д. “Развитие законадательства Республики Таджикистан о правах ребёнка”; автор.дис.канд.юрид.наук(12.0003)/ Д.Абдулхайрзода. – Душанбе, 2023- С 4

[6] Ниг. Рахматова, Т. Р. Прекращение брака в международном частном праве: теоретические проблемы и правоприменение: автореф. дис. … канд. юрид. наук / 12.00.03 / Т. Р. Рахматова. – Душанбе, 2023. – С.3.

Вазъияти бақайдгирифташуда таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташаккули қонунгузории Эронро дар бораи талоқ, моҳияти ҳуқуқӣ, сабабу шароит, низом ва муҳлати талоқро тақозо мекунад.

Омӯзиши ниҳоди бекоркунии ақди никоҳ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Эрон на танҳо арзиши илмӣ, балки аҳаммияти амалиро низ доро мебошад. Таҳлилу баррасӣ ва муайян намудани асосҳои ҳуқуқии бекоркунии ақди никоҳ дар Эрон имкон медиҳад, ки на танҳо муқаррароти қонунгузории кунунии Эрон, балки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дубора таҷдиди назар карда шавад. Дар навбати худ, асосҳои илмии мавҷудаи банизомдарории ҳуқуқии бекоркунии ақди никоҳ дар Эрон нокифоя буда, боиси ошкор шудани камбудиҳо дар танзими бекоркунии ақди никоҳ ва таҳияи тавсмяҳо барои такмили қонунгузории шаҳрвандӣ мегардад.

Омилҳои дар боло зикршуда, аҳаммияти масъала ва интихоби мавзуи тадқиқотии рисоларо дақиқу равшан намудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуи тадқиқот.** Дар фазои пасошӯравӣ таҳқиқоти монографии мушкилоти талоқ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Эрон вуҷуд надорад. Баъзе масъалаҳои мавзӯи баррасишаванда дар рисолаҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва адабиёти махсус омӯхта шудаанд. Дар ҶИЭ паҳлӯҳои гуногуни талоқ дар асарҳои ҷудогона баррасӣ шудаанд. Ҳамин тавр, таҳқиқи талоқ ва омилҳои иҷтимоии ба он таъсиркунанда дар шаҳри Хой дар солҳои 1364 -1370 (1985-1991) аз тарафи С. Гулшане[7] анҷом гирифта, хусусиятхои талокро А.Мухторӣ[8] мавриди баррасӣ қарор дода, сабабҳои ҷудошавӣ дар музофоти Яздро дар солхои 1377 (1998) то 1379 (2000) мавриди омӯзиш қарор додааст, дар осори А. Нури-Эсфахонӣ[9], ки оқибатҳои талоқ барои занонро тибқи қонунгузории Эрон ошкор кардааст, омилҳои иҷтимоӣ, ки ба талоқ таъсир мерасонанд, таҳқиқ шудаанд, З. Ҷалилиён[10] паёмадҳои иҷтимоии талоқ дар Теҳронро баррасӣ кардааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои оилавӣ, аз ҷумла талоқ дар ҳуқуқи Эрону Тоҷикистон, мавриди пажӯҳиши олимони тоҷик, азҷумла, Ф.Т. Тоҳиров, А.Г. Холиқов[11], М.А. Маҳмудзода[12], С.Н. Тағоева[13], Ҳ.Н. Ҳиматов[14], И. Бобоҷонов[15] ва дигарон қарор гирифтаанд.

---

[7] Гулшане С. Омӯзиши талоқ ва омилҳои иҷтимоии талоқ дар шаҳри Хой. Теҳрон: Факултаи улуми иҷтимоӣ, 1995. 175 с.

[8] Мухтарӣ А. Тағйироти қоидаҳои бекоркунии ақди никоҳ дар Эрон. Теҳрон: Факултаи исломшиносӣ, 1996. 158 с.

[9] Нури Исфахони А. Асосхои талоқ барои занон дар қонунҳои Эрон. Шероз, 1999. 213 с.

[10] Ҷалилиён З. Омилҳои иҷтимоӣ, ки ба талоқ таъсир мерасонанд.. Теҳрон: Факултаи улуми иҷтимоӣ, 1997. 136 с.

[11] Тохиров Ф. Т., Холиков А. Г. Шариат: правовая регламентация брачно – семейных и наследственных отношений. – Душанбе: Дониш, 2001. – 105с.

[12] Маҳмудзода М.А. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2015, 496 с. – Бо ҳаммуаллифии Худоёрзода Б.Т.

[13] Тагаева С. Н. Правовое регулирование брачных отношений в международном частном праве: дис. канд. юрид. наук./ 12. 00. 03. – Бишкек, 2007. – 151с.

Аммо аксари пажуҳишҳое, ки ба паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд, характери нопурраро доро мебошанд. Таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масоили бекоркунии ақди никоҳ аз нигоҳи қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Тоҷикистон анҷом наёфтааст.

Дар осори илмии мавҷуда заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди қонунгузории Эрон дар бораи бекоркунии ақди никоҳ мавриди баррасӣ қарор нагирифта, сабаб ва шароити бекоркунии ақди никоҳ ва оқибатҳои ҳуқуқии бекокунии ақди никоҳро муайяну ошкор накардаанд. Илова бар ин, дар Эрон ва Тоҷикистон таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи бекоркунии ақди никоҳ вуҷуд надорад.

Бо дарназардошти фикру андешаҳои гуфташуда, метавон ба хулосае омад, ки масоили бекоркунии ақди никоҳ дар қонуни Эрон дар илм ба қадри кофӣ таҳлилу баррасӣ нагардидааст.

**Мутобиқати таткиқот бо барномаҳо ва ё мавзуи таҳқиқотӣ**. Рисола дар доираи мавзӯи таҳқиқоти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Ҷойгоҳи ҳуқуқи маданӣ дар таъмини ҳадафҳои стратегии миллӣ» барои солҳои 2021-2025 таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти мазкур таҳлилу баррасии масъалаи бекор кардани ақди никоҳ дар қонуни Эрон ва ҳамчунин таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузории ҷории шаҳрвандии Ҷумҳурии Исломии Эрон, маҳсуб мешавад, ки бекор кардани ақди никоҳро ба низом медарорад.

**Вазифаи таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳои худ дақиқу равшан ва ҳаллу фасли вазифаҳои зерин мадди назар гирифта шудааст:

1. муайян кардани заминаҳои пайдоиш ва рушди қонунгузории Эрон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ;
2. омӯзиши мафҳуми бекоркунии ақди никоҳ ва моҳияти ҳуқуқии он;
3. таҳлили асосҳои ҳуқуқии бекоркунии ақди никоҳ;
4. муайян кардани сабаб ва шароити бекоркунии ақди никоҳ;
5. таҳлилу баррасии тартиб ва муҳлати бекоркунии ақди никоҳ;
6. таҳлили оқибатҳои ҳуқуқии бекоркунии ақди никоҳ;
7. таҳлили муқоисавӣ- ҳуқуқии қонунгузориҳои оилавии Эрон ва Тоҷикистон ва муайян кардани вижагиҳои фарққунанда ва шабоҳати ниҳодҳои бекоркунии ақди никоҳ;
8. таҳия ва асоснок намудани муқаррароти назариявӣ ва пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонуни шаҳрвандии Эрон дар мавриди бекоркунии ақди никоҳ.

---

[14] Химатов Х. Н. Правовая сущность брака // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2014. - № 3/7 (148). – С. 62 – 65.

[15] Бобоҷонов И.Ҳ. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ: воситаи таълимӣ // дар зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 272 с. – Бо ҳаммуаллифии Қодиров Т.К., Бадалов Ш.К.

**Объекти тадқиқот** муносибатҳои ҳуқуқии зану шавҳар мебошад, ки дар робита ба бекор кардани ақди никоҳ ба вуҷуд омадаанд.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** қонунгузории амалкунандаи гражданин Ҷумҳурии Исломии Эрон ва муқаррароти назариявӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ маҳсуб мешавад.

**Давра, мавқеъ ва марҳилаи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар диссертатсия пешомадҳои таърихии ба вуҷудой ва ташаккули қонунгузории Эрон дар бораи бекоркунии ақди никоҳ мавриди таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ки вазъи ниҳодҳои бекоркунии ақди никоҳро то давраи исломӣ (сосониҳову зардуштиҳо) дар худ фаро мегиранд. Дар бораи масоили талоқ дар Форси маълумоти умумии таърихӣ дода шуда, баъдан асосҳои муосири ҳуқуқии бекоркунии ақди никоҳ дар қонунгузории граждании Эрон мавриди омӯзиш дода шудааст.Чунин маълумоти таърихии бекоркунии ақди никоҳ дар Эрон имкон дод, ки таҳаввул ва ташаккули ниҳодҳои бекоркунии ақди никоҳ дар ҳуқуқи Эрон омӯхта шаванд.

**Асоси назариявии тадқиқотро** осори олимони Ҷумҳурии Исломии Эрон: А. Гулшане, С. Гулшане, А. Халилӣ, А. Мохтарӣ, А. Нури-Эсфаҳонӣ, Алӣ Муҳаммад, З. Ҷалилиён ташкил медиҳад.

Дар тадқиқот хулосаҳои корҳои пажуҳишгарон М.В. Антоколская, Е.В. Вершинина, Е. Ворожейкин, Ш.К. Ғаюров, А.В. Золотухин, Н. Имомова, И. Ғаффорзода, Қ. Қурбонов, Ю. Королёв, П.В. Крашенинников, А.Н. Левушкин, Н.И. Марышева, У.Меликов, М. Маҳмудзода, А. Нечаева, С. Пайкон, Т. Рахматова, В. Рясенсев, Ш.Т.Тағойназаров, С.Н. Тағоева, О.А. Хазова, Ҳ.Н. Ҳиматов, Б.Т. Худоёров, В.П. Шахматов ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асоси таҷрибавии таҳқиқотро маводи амалияи судии ш.Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бар мегирад. Бо мақсади таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ ба базаи таҷрибавӣ маводи қонунгузории оилавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд.

**Асоси методологии тадқиқот**. Асосҳои методологии таҳқиқотро муносибати системавии масоили бекоркунии ақди никоҳ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ташкил медиҳад. Тадқиқот дар заминаи усули таҳлилӣ, мантиқӣ, ҳамчунин усули расмӣ-ҳуқуқӣ, усули байнипредметиву таҳлили системавӣ, ҳуқуқи муқоисавӣ гузаронида шудааст. Усулҳои интихобшудаи таҳлили илмии масъалаҳо, махсусан, усули таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Эрону Тоҷикистон аз рӯйи масоили мавриди таҳқиқ имкон додааст, ки объекти таҳқиқотро дар доираи васеи илмиву назариявӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқот аз маводҳои фаъолияти амалии мақомоти адлияи Эрон ва Тоҷикистон, маълумотҳои оморӣ ва захираҳои дастраси дар расонаҳо нашршуда иборат аст.

**Навоварии илмии таҳқиқот**. Диссертатсия яке аз таҳқиқоти монографие маҳсуб мешавад, ки дар он яке аз маҷмуи масоили муҳимми иҷтимоӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Исломии Эрон –масоили сабабҳо ва шароити бекоркунии ақди никоҳ муаррифӣ карда шудааст. Аз тарафи муаллиф бори нахуст таҳлили

хаматарафаи бекор кардани ақди никохро аз рӯйи қонунгузорихои Эрон анчом дода, сабабхо, шароит, вижагихои талоқро муайян намуда, амалияи судиро таҳлилу баррасӣ намуда, барои тмкмили қонунгузории мавҷудаи граждании дар ин соҳа як қатор нуктахои нави тахкикро мураттаб карда. муқаррарот, хулоса ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории мавҷудаи гражданиро дар ин соҳа пешниҳод намудааст. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон нишон дод, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалии мавзуи мавриди таҳқиқ хусусиятҳои умумиву фарққунанда вуҷуд доранд.

**Нукоти асосии таҳқиқот, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.** Навгонии илмии тадқиқот инчунин дар нуқтаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:

**I. Пешниҳодҳои дорои хусусияти назариявӣ:**

1. Аз рӯйи ниҳоди бекоркунии ақди никоҳ дар қонунгузории граждании назарияҳои зеринро татбиқ намудаанд: 1) талоқ ҳамчун муҷозот дар натиҷаи рафтори гуноҳкоронаи яке аз ҳамсарон асос ёфтааст; 2) талоқ ҳамчун муқарраротиасосии ҳалнашудаи аз байн рафтани оила; 3) талоқ ҳамчун аҳдномае, ки дар заминаи розигии тарафайн асос ёфтааст; 4)талоқ ҳамчун талаботе, ки дар асоси хоҳиши яке аз аъзоёни оила ба миён омадааст.

2. Дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бекоркунии ақди никоҳ яке аз асосҳои бекоркунии аҳдномаи ақди никоҳ маҳсуб мешавад. Талоқ яке аз асосҳои бекоркунии аҳдномаи ақди никоҳ буда, низоми дуалистиро ба худ касб намудааст: а) бо кумаки ниҳодҳои ҳуқуқӣ- шаҳрвандии Қонуни граждании Ҷумҳурии Исломии Эрон, б) ба воситаи татбиқ намудани меъёрҳои диниву ахлоқӣ. Талоқе, ки ба воситаи меъёрҳои динӣ амалӣ карда мешавад, дар худ бартариҳоро нисбат ба меъёрҳои Қонуни граждании Эронро касб намудааст. Қонуни граждании Эрон ба мард қи талоқро дода, пешниҳоди далелҳо ва ё сабабу омилҳои талоқро аз ҷониби зан талаб намекунад. Фиқҳи исломӣ ва қонунгузории шаҳрвандии Ҷумҳурии Исломии Эрон талоқро ҳамчун амали аҳдномаи якҷониба (йика) аз шавҳар ё намояндаи ӯ эътироф мекунад. Ҳуқуқи зан барои талоқ бо шартҳои муайян асоснок карда шудааст.

3. Рушди ниҳоди иҷозати талоқ дар самти васеъ намудани ҳуқуқи зан ва маҳдуд кардани ҳуқуқи мутлақи мард ба талоқ сурат гирифт. Додани ҳуқуқ ба занон дар бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба боло бурдани мақоми онҳо дар ҷомеаи Эрон нигаронида шудааст, додани ҳаққи талоқро аз шавҳар дар баъзе ҳолатҳои муайян дақиқу равшан намудааст.

4. Додани ҳуқуқи мутлақи талоқ ба шавҳар бо имконияти диспозитивии ҳалли ҳуқуқи зан ба талоқ ҳангоми бастани ақди никоҳ ҷуброн карда мешавад. Ғайр аз он, созишномаи пеш аз ақди никоҳ ҳамчун шартҳои ҳатмӣ бояд шартҳоеро дар бар гирад, ки вайрон кардани онҳо боиси пайдо шудани ҳуқуқи субъективии зан барои муроҷиат ба суд бо аризаи бекор кардани ақди никоҳ гардида, инчунин ҳуқуқи гирифтани ҷазои модӣ аз шавҳар, ақди никоҳро бе сабабҳои узрнок катъ намуда, сабаби ҳуқуқи ҷудо кардани шавхар гардад.

**II. Пешниҳодҳои характери амалидошта:**

5. Таҳқиқоти ҷомеашиносии( сотсиологии) сабабҳои талоқ имкон медиҳад, то омилҳои талоқ дар Ҷумҳурии Исломии Эронр дақиқу муайян карда шавад.

Сабабҳои талоқро ба гурӯҳи омилҳои талоқ тақсим мекунанд:

– оид ба омилхои вобаста ба саломатӣ ва камолоти зану шавхар, ки фарки синну сол, ворид шудан ба никоҳи бармаҳал, беморихои тулонӣ, безурётӣ, номувофиқии ҷинсиро дар худ зоҳир менамоянд.

– омилҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии талоқ, аз ҷумла афзоиши талаботҳо ва интизориҳои ҳамсар аз зиндагии якҷоя дар издивоҷ, тақлиди фарҳанги бегона, майл ба айшу ишрати аз ҳад зиёд, мавҷудияти табъиз нисбат ба занон, мавҷудияти зӯроварӣ дар оила, интихоби сабуки ҳамсар, даромади кам ва мушкилоти марбут ба масоили оилавӣ, дахолати хешовандон ба ҳаёти оилавии зану шавҳар, тафовут дар вазъи модии хешовандон ва хешовандони наздики зану шавҳар, фарқият дар маълумот ва мансубияти иҷтимоӣ, таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба ашёи беруна, муносибати рӯякӣ ва бепарвоӣ ба издивоҷ, бекорӣ ва надоштани пули ҳамсар.

6. Барои ҳамгироии Эрон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва сабук кардани тартиби бекоркунии никоҳи шикаста, иҷозат додани имкони талоқ аз рӯйи қонуни давлате, ки никоҳ дар он бекор карда мешавад, мувофиқи мақсад дониста мешавад. Ҳамчун асос барои эътирофи ин талоқ дар Эрон, онро бо қонунҳои як давлати хориҷӣ мувофиқ дониста, дар асоси риояи талаботи шариат тафтиш мегузаронад.

7. Принсипҳои озодии талоқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳам фарқ мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи зан барои талоқ маҳдуд карда намешавад, ин ҳуқуқи мутлақи ӯ маҳсуб дониста мешавад. Ҳатто шартномаи ақди никоҳ шартҳоеро дар бар гирифта наметавонад, ки зан ё шавҳарро дар ҳолати ниҳоят номусоид қарор дода, ҳуқуқи ӯро барои ҳимояи ҳуқуқҳои худаш ба суд муроҷиат карданро маҳдуд созанд.

8. Маҷмуи тадбирҳое, ки барои пешгирии ақди никоҳ нигаронида шудаанд, пешниҳод карда мешаванд, ки чунин гурӯҳбандӣ шаванд: давлатӣ (механизмҳои ташкилӣ (пешгирикунанда) ва идеологӣ) ва усулҳои хусусии дохили оилавӣ (мувофиқи меъёрҳои шариат).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Муқаррарот ва хулосаҳои рисола фазои номукаммалро дар пажӯҳиши ҳамаҷонибаи талоқ дар Ҷумҳурии исломии Эрон пурра намуда, метавонад барои такмили қонунгузории шаҳрвандии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар заминаи танзими ҳуқуқии талоқ истифода шавад. Илова бар ин, онҳо метавонанд. Предмети омӯзиши минбаъда дар ин соҳа бошанд.

Маводи назариявии дар асар фарогирифташуда, метавонад дар раванди таълими чунин фанҳои ҳуқуқӣ дар мактабҳои ҳуқуқӣ, аз қабили ҳуқуқи оила, ҳуқуқи шаҳрвандӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути истифодаи васеи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, гузаронидани таҳқиқоти илмиву сарчашмаҳои махсус, омӯзиши рисолаҳои як қатор олимон доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ, ки дар онҳо фикру андешаҳои олимони муосир доир ба масоили талоқ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон инъикос ёфтааст, ба даст оварда шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба воситаи омӯзишу баррасии Қонуни амалкунандаи граждании Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти назариявии олимон дар соҳаи ҳуқуқи оилаи кишварҳои дигар, ҳамчунин муқаррароти сарчашмаҳои динӣ дар соҳаи таҳқиқ асоснок карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.03- ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.**

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир меёбад, ки идеяҳои асосие, ки аҳаммияти назариявию амалӣ доранд, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ метавонанд барои Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаи меъёрҳои қонуни гражданӣ вобаста ба масоили бекоркунии ақди никоҳ аҳаммияти амалӣ дошта бошад.

Унвонҷӯ ба таври боварибахш исбот менамояд, ки дар кишвари ӯ талоқ додан барои зан мушкил нест. Онҳое, ки бар хилофи ин фикранд, аз вазъи воқеии кор хабар надоранд. Дар қавонини Эрон ба ҷуз аз бекор кардани никоҳ бо ташаббуси мард (бо номи “талоқ”), талоқ бо ташаббуси зан (бо номи “хулъ”) низ вуҷуд дорад.

**Тасдиқи натиҷаҳои тадқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Бекор кардани ақди никоҳ дар ҳуқуқи Эрон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқӣ) дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, муҳокима карда шуда, барои ҳимоя тавсия шудаст.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, дар 11 интишорот бо ҳаҷми умумии 5,2 ҷузъи чопӣ дар нашрияҳо инъикос ёфта, инчунин дар маърӯзаҳо ва баромадҳо дар конфронсҳои илмию амалии зерин пешниҳод шудаанд:

– конфронси байналмиллалӣ «Масоили ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии аъзои оила ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ» (Бишкек, 1-8 феврали 2013);

– конфронси байналмилалии «Саҳми созмонҳои давлатӣ ва динӣ дар таҳкими оила» (Ош, майи 2013); Конфронси байналмилалии «Нақши фарҳанг дар рушди амнияти инсонӣ дар Осиёи Ғарбӣ» (Бирҷанд, апрели 2015);

– мизи мудаввари байналмилалии «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира» (Душанбе, 12 июни 2015);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Масоили актуалии танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ» (Душанбе, 26 сентябри 2015);

– конфронси байналмилалии «Адолати конститутсионӣ – кафолати таъмини волоияти Конститутсия» (Душанбе, 17-18 сентябри 2015).

– Семинар "Дар бораи баҳсҳо ва кафолатҳои ҳуқуқи духтарон" ( ш.Теҳрон, 20 июни 2023)

– Семинар "Ҳуқуқи асосии занон" (ш.Теҳрон, 14 ноябри 2023)

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**: доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография, 10 мақола, аз ҷумла 5-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва нишонаҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ки ёздаҳ зерфаслро дар худ фаро мегирад, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи тадқиқот, дараҷаи инкишофи он, предмет, объект, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардида, асосҳои методологӣ ва назариявии кор ошкор ва навоварии он таҳлилу баррасӣ гардида, муқаррароти асосии рисола барои ҳимоя пешниҳод шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот ва тасдиқи он дақиқу муайян гардидааст.

Боби аввали кори диссертатсионӣ «**Моҳияти ҳуқуқии бекоркунии ақди никоҳ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Эрон**» унвон гирифта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал «**Шароити таърихии пайдоиш ва рушди қонунгузории Эрон**» таҳлилу баррасӣ гардида, бекоркунии ақди никоҳ ба унвони яке аз роҳҳои қатъи муносибатҳои издивоҷ бо рушди ҷомеаи башарӣ ба қалам дода шудааст.

Дар давраи бостонии тоисломии таърихи Эрон давраи Сосониёнро метавон ҷудо кард, ки ба он шукуфоии тамаддуни Эрон хос буд. Муаллиф қайд мекунад, ки рушди ниҳодҳои талоқ ба мавқеи зан дар ҷомеа зич алоқамандӣ доштааст.

Маълум ва равшан аст, ки дар замони Сосониён тибқи расму оинҳои қадим мақоми зан расмӣ буда, ҳамчун шахси комил ҳуқуқ надошт.

Зан ҳамчун ашё ҳисобида мешуд, вай ҷузъи моликияти марде буд, ки ба ӯ ҳамчун ҳуқуқи моликият муносибат менамуд. Зан дар оила таҳти ҳимояи сардори оила - падар ё шавҳар қарор дошт. Дар сурати марги онҳо, он ба ихтиёри

вориси ӯ мегузашт. Хокимияти сардори оила махдуд набуд ва хама чиз ба ӯ иҷозат дода мешуд.

Тамоми тӯҳфаҳое, ки зан қабул мекард, пуле, ки барои кори меҳнати зан дода мешуд, аз они сардори оила буд. Вай моликияти шахсии «худ»-ашро истифода бурда наметавонист.

Дар рисола қайд карда мешавад, ки дар муносибатҳои оилавӣ ҳуқуқи мард низ номаҳдуд буда, ӯ метавонист бо чанд зан дар як вақт издивоҷ намуда, бо онҳо зиндагӣ кунад. Ваколатҳои мард барои издивоҷ бо чанд зан танҳо аз имконоти молии ӯ вобаста дошт.

Таъкид карда мешавад, ки дар Форсҳои қадим мафҳуми талоқ ба маънои муосири он вуҷуд надошт. Вақте ки шавҳар занашро партофта меравад, зан ҳуқуқи иҷозати талоқ надошт. Вай ҳуқуқи зиндагӣ ва мустақилона амал карданро касб намуд. Талоқ маънои ба зан ҳуқуқи мустақилона зиндагӣ карданро дод.

Дар ин ҳолат зан метавонист дубора издивоҷ кунад, аммо мақоми зани талоқшударо надошт. Вай ҳуқуқ пайдо намуд, ки издивоҷ кунад. Дар издивоҷи нав зан ҳамчун”хизматгор”-и шавҳари нав мешавад.  Кӯдаконе, ки дар издивоҷи нав дар давоми ҳаёти шавҳари аввал таваллуд шудаанд, ба шавҳари аввал тааллуқ доштанд.

Омӯзиши вижагиҳои талоқ дар давраи зардуштӣ муаллифро ба чунин хулоса овардааст, ки асоси талоқҳои якҷониба дар давраи пеш аз ислом рафтори гунаҳкоронаи зан маҳсуб мешудааст. Ҳамин тавр, талоқ аз издивоҷи подшоҳзан бо ризоияти зан сурат мегирифтааст. Бе ризоияти зан ақди никоҳ дар мавридҳои зерин бекор карда мешавад: 1) ҷинояти итоат накардан, ага р ин дар суд дар назди авбошон тасдик шуда бошад; 2) агар зан ба сеҳру ҷодугарӣ машғул бошад; 3) агар ӯ ҷинояти дорои хусусияти динӣ содир карда бошад; 4) дар сурати безурётӣ дар давоми 10 сол аз рӯзи ақди никоҳ.

Ба андешаи муаллиф қонунҳое, ки ба масъалаи талоқ бахшида шудаанд, зери таъсири шарту шароити иҷтимоӣ доимо дар ҳолати тағйирёбӣ ва табдилёбӣ қарор  доранд. Дар шароити муосири рушди ҷомеа қонуни нахустине, ки масъалаҳои вижаи танзими оиларо пешбинӣ карда буд, ҳанӯз соли 1967 бо номи « Дар бораи ҳифзи хонавода дар Эрон» имзо ва қабул шуда буд.  То замони қабули ин қонун қонунҳо роҷеъ ба танзими оила пароканда ифода ёфта буданд. Дар қонуни соли 1967 навгониҳое мисли маҳдуд кардани ваколати мардон дар масъалаи канда шудани ақди никоҳ, васеъ кардани ҳуқуқҳои занон дар масъалаи талоқ, маҳдуд намудани ҳуқуқи мардон дар масъалаи оиладории такрорӣ ва дигар навгониҳо ворид шуда буд. То қабули ин қонун дар соли 1967 ум мардон ҳуқуқи гирифтани чор зан ва ҳуқуқ ба теъдоди зиёди никоҳҳои муваққатиро доштанд. Қонун акнун мардонро уҳдадор кард, ки барои никоҳи муваққатӣ иҷозати махсуси мақоми додгоҳиро бояд дастрас намоянд.  Ва соли 1974 Парлумон ба «Дар бораи ҳифзи хонавода дар Эрон» соли 1967 тағйиру иловаҳоро ворид кард.

Мутобиқ ба талаботи м. 11 ин Қонун зан ва ё шавҳар ҳуқуқ доштанд талоқро талаб намоянд дар ҳолате, ки шавҳар ва ё зан барои маводи мухаддир ё

ҷинояти дигар маҳкум шудаанд ва ё дар ҳаёти оилавӣ ширкат намеварзиданд. Ин модда дар Қонуни граждании бо мақсади пешгирии сӯистифода аз ҳуқуқи талоқ аз ҷониби баъзе аз мардҳо қабул шуда буд.

Ҳамин тавр асоси ҳуқуқии талоқ дар Қонуни граждании Эрон, дар нахустин Қонун "Дар бораи ҳифзи хонавода дар Эрон" ва дувумин Қонун "Дар бораи ҳифзи хонавода", ки бархе аз холигоҳҳо ва мушкилоти марбут ба талоқ ва ҳамчунин Қонуни додгоҳҳои шаҳрвандиро мукаммал намудааст, сабт гардидааст.

Таъкид карда мешавад, ки қонунҳои марбут ба талоқ, зери таъсири шароити иҷтимоии ҷомеа қарор дошта, ҳамеша дар тағйиру таҳаввул мебошад. Дар мархалаи хозираи тараққиёти чомеа аввалин қонуне, ки танзими махсуси масъалахои оиларо пешбинӣ мекард, соли 1967 таҳти унвони Қонун «Дар бораи хифзи оила» ба имзо расид. То ин дам, қонунҳои марбут ба оила дар шакли пароканда вуҷуд доштанд. Қонуни мазкур чунин навгониҳоеро ба монанди маҳдуд будани салоҳияти мардон ҳангоми талоқ, васеъ намудани доираи талаботи занҳо ҳангоми талоқ, маҳдуд кардани салоҳияти мардон барои издивоҷи дуюм ва ғайра ба миён овард. То ба имзо расидани қонуни мазкур дар соли 1967 мардон ҳақ доштанд 4 зан ва теъдоди номаҳдуди никоҳи муваққатӣ дошта бошанд ва ин қонун мардонро муваззаф менамуд, ки барои дубора издивоҷ кардан аз мақомоти судӣ-додгоҳӣ иҷозаи вижа бигиранд. Дар соли 1974 Парлумон ба Қонун дар бораи дастгирии оила дар соли 1967 тағйирот ворид намуд, ки дар охир ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Фасли дуюми боби аввал «**Мафҳуми бекоркунии акди никоҳ ва моҳияти ҳуқуқии он**» ном дошта, ба омӯзиши моҳияти ҳуқуқии талоқ дар Эрон бахшида шудааст.

Ҳангоми барарсии масъалаи бекоркунии ақди никоҳ ва моҳияти ҳуқуқии он муаллиф ба тадриҷ мафҳумҳои «талоқ» ва «бекоркунии ақди никоҳ»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Зарурат ба ёдоварист, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ бештар мафҳуми «кандашавии никоҳ» истифода мегардад. Усули таҳкиқоти муаллиф хислати маҷмӯавӣ дошта, бо улуми иҷтимоӣ ва фалсафӣ иртибот дорад. Муаллиф инкор намекунад, ки мафҳуми «талоқ» ва «бекоркунии акди никоҳ» дар назарияи ҳуқуқӣ одатан ҳаммаъно истифода мегарданд.

Соҳиби рисола бар он назар аст, ки табиати ҳуқуқии талоқ аз назари умум дар асл баҳснок аст. Мисол аз назари дини насрония, никоҳҳо «дар осмонҳо», баста мешаванд, бинобар он канда шудани чунин навъи созиши якумра ғайриимкон аст. Мутобиқ ба фаҳмиши мазкур никоҳ асрорангез фаҳм карда мешавад. Вай миёни ҳамсарон, дар паҳнои муносибатҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва модӣ ҳамчун муносибатҳои табиии инсонҳо зуҳур менамояд. То миёнаи асри XX ин ғояи абадияти никоҳ дар қонунгузории Италия, Испания ва давлатҳои Америкаи Лотинӣ ҷойгир шуда буд. Дар он кишварҳое, ки талоқ вуҷуд дошт вай ба мисли як навъ ҷазо барои кирдори гунаҳгоронаи ҳамсар таъин мегашт. Дар ин даврон ғояи талоқ хамчун ҷазо барои кирдори зиддиҳуқуқии ҳамсар ташаккул ёфт.

Омӯзиши равишҳои доктриналӣ ба моҳияти ҳуқуқии ақди никоҳ ба муаллиф имкон додааст, ки мавзуъро бо ёрии категорияи «сиғаҳ», тавсиф намояд, ки ин никоҳеро ифода менамояд, ки ҳангоми талаффузи калимаҳои муайяне, ки шартҳои бастани ақди никоҳро мукаммал намудааст. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ мафҳумҳои «никоҳ» ва «ақдномаи никоҳ» маънои ягона дошта, ба ибораи дигар, дар зери мафҳуми ақди никоҳ ҳамчун аҳдномаи ақди никоҳ фаҳмида мешавад, ки дар як вақт ҳам уҳдадориҳои шахсӣ ва ҳам молу мулкии тарафҳоро муқаррар менамояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки ақди никоҳ ин қатъи муносибатҳои издивоҷи байни зану шавҳар буда, аз ақди никоҳи қонунӣ ба қайд гирифташуда ба миён меояд. Он муносибатҳои байни зану шавҳарро барои оянда қатъ мекунонад.

Ишора карда мешавад, ки вобаста ба мавҷуд будани иродаи ҳадди ақали яке аз аъзоёни оила, ки ба қатъи муносибатҳои никоҳ нигаронида шудааст, қатъи никоҳ дар сурати набудани иродаи зану шавҳар ва бекор кардани никоҳ ҷудо карда мешавад. Талоқ як ҳолати махсуси бекоркунии ақди никоҳ аст. Фиқҳи Эрон талоқ (талок)-ро, ба ҳайси як санади ҳуқуқии якҷониба маҳсуб дониста, ризоияти яке аз тарафҳоро қонунӣ мешуморад.

Гуфта мешавад, ки қонуни шаҳрвандии Эрон, аз ҷумла, талоқ бар асоси қонуни мазҳабии Ҷаъфарии равияи шиъаи ислом асоснок карда мешавад. Муаллиф бар он ақидааст, ки ҳеҷ шакку шубҳае нест, ки талоқ аз ҷониби Ислом ҳамеша маҳкум карда мешавад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон талоқ як амали ихтиёрии шавҳар аст, яъне анҷоми муносибатҳои оилавӣ бо хости яке аз ҳамсарон - шавҳар ба миён меояд.

Аз дидгоҳи фиқҳи исломӣ ва аз нигоҳи ҳуқуқи граждании Эрон талоқ барои занҳо ҳуқуқи маъмулӣ маҳсуб намешавад.. Аммо онро метавон ҳамчун ҳуқуқи шартномавӣ ва ваколатдор мавриди омӯзиш қарор дод. Талоқ аҳдномаи яктарафае аст, ки аз ҷониби шавҳар ва ё намояндаи ӯ ба миён меояд. Дар мавриди талоқ, нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Баъзеҳо онро падидаи хавфнок маҳсуб дониста, онро катъиян инкор мекунанд. Мухолифони талоқ бар он ақидаанд, ки талоқ мухолифи издивоҷ аст. Издивоҷ аҳдномаи якҷоя барои зиндагӣ кардан аст, он муносибати доимист ва набояд ба талоқ табдил ёбад. Талоқ ба кудакон зарари калон расонда, онхоро аз ҳуқуқи бачагии хушбахтона маҳрум менамояд.

Ҳомиёни талоқ баъзан чунин далелҳоро мисол меоранд: девона ё безурёт будани зану мард, ки ба андешаи баъзеҳо, худ ба талоқ оварда мерасонад. Дар чунин вазъият аз нигоҳи ҳамсарон ва ҷомеа зиндагии якҷоя танҳо зиён меорад. Дар чунин ҳолатҳо талокро дуруст шуморидан мумкин аст, вале ҳамчун манбаи аз байн рафтани оила бояд маҳдуд намуд.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки бо вуҷуди он ки Ислом ба мард иҷозат додааст, то дар шароити муайяни зиндагӣ аз талоқ истифода барад, вале дар баробари ин, барои пешгирии талоқи беасос тавсияҳо вуҷуд доранд. Ин тавсияҳо ба далели рад кардани догмаҳои динӣ ва пайвастагии бештари одамон бо

арзишҳои ахлоқӣ пешниҳод шудаанд. Аз ин рӯ, максад гузошта шуд, ки шумораи зиёди талоқҳо то ҳадди ақал кам карда шавад. Имрӯз бо заъиф шудани пояҳои ахлоқӣ ва динии ҷомеа ва сӯистифодаи мардон аз ҳуқуқи талоқ ва афзоиши шумораи талоқҳо қариб ҳама эътироф мекунанд, ки тавсияҳои ахлоқӣ барои пешгирии талоқ нокифоя мебошанд.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки талоқ яке аз заминаҳои қатъи шартномаи ақди никоҳ буда, як масоили мушкили ниҳоди ҳуқуқи оилавиро зери таъсири меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ муаррифӣ менамояд. Аз ин рӯ, дар бештари ҳолатҳо танзими ҳуқуқии ин масъала бо омӯзиши меъёрҳои омехтаи иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Ин ҳолат махсусан дар қонунгузории кишварҳои содиқ ба идеалҳои ислом, ки ба ин Ҷумҳурии Исломии Эрон низ дохил мешаванд, ба таври дақиқу равшан ифода ёфтааст.

Зан низ дар ҳолатҳои истисноӣ ҳуқуқи талаби талоқро дорад.

Дар хотир бояд дошт, ки тибқи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ талоқ ҳамчун амали воқеии яктарафа эътироф карда мешавад (бекоркунӣ ё озод кардан), агар он расмиятро талаб накунад, дар ҳузури ҳадди аққал ду марди одил сурат мегирад, ки тарзу тариқи ифодаи талоқро шунидаанд (моддаи 1134-и Қонуни шаҳрвандии Ҷумҳурии Исломии Эрон).

**Дар фасли сеюми боби якуми рисола мавзуи «Тафовути бекоркунии ақди никоҳ аз беэътибор донистани никоҳ» таҳлил шудааст.** Дар он муаллиф ишора кардааст, ки агар бо талоқ дар оянда муносибатҳои никоҳӣ оилавии ашхоси дар никоҳ буда (пас аз муҳлати муайян), канда шавад, пас дар вақти беэътибор донистани никоҳ ин муносибатҳои ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ беэътибор דониста мешаванд. Муаллиф он хулосаро асоснок мекунад, ки дар ҶИЭ никоҳ ин шартномаи байни мард ва зан аст, ки бо мақсади пешбурди зинадгии якҷоя, қонеъ намудани талаботи ҷисмонӣ, оромии рӯҳӣ ва таъминоти оромии тарафайн аз як ҷониб дар муносибат бо худ ва аз ҷониби дигар бо Худованд баста мегардад.

Қайд мегардад, ки риоя накардани шартхо оида ба бастани ақди никоҳ ба он оврада мерасонад, ки никоҳ беэътибор дониста мешавад. Зеро никоҳи бидуни қоидаи муқарраршуда бе риоя кардани талаботи қонунгузорӣ оид ба ризоияти тарафҳо ин нуқси ифодаи ирода дар никоҳ аст. Никоҳи бо нуқси ифодаи ирода ин никоҳхое ҳастанд, ки бо роҳи гумроҳкунӣ, фиреб, таҳдид, зӯроварӣ ва ғ баста шудаанд.

Ба андешаи муаллиф асос барои беэътибор донистани никоҳ пинҳон кардани навъи бемориҳои муайян шуда метавонад. Дар ҳеҷ як тараф набояд бемориҳое, ки боиси бекор крадани ақди никоҳ мегардад вуҷуд дошта бошад. Ин навъи бемориҳои девонагӣ, безурётӣ, импотенсия (заъфи шадиди мардӣ), ба истисно ҳолатҳое, ки тарафи дигар аз ин ҳолатҳо огоҳ буда роззигшии худро ба никоҳ додааст. Мутобиқ ба талаботи моддаи 1128 Қонуни мадании Эрон, шахсе ки дар бораи бемори вазнин ва ё бемории рӯҳии ҳамсараш хабар надошт, дар ҳолати ошкор шудани ин ҳолат бо пешниҳоди маълумотномаи духтур ҳуқуқ ба талоқ пайдо мекунад

Муаллиф собит менамояд, ки барои бастани акди никоҳи воқеӣ бояд монеаҳои никоҳ, аз ҷумла хешу табории наздик вуҷуд надошта бошад. Монеа барои никоҳ талоқи сегонаи шавҳар низ шуда метавонад. Дар чнуин ҳолат зани қаблии сеталоқа наметаовнад бо шавҳари собиқи худ никоҳ бандад, ба истисnои ҳолате, ки қабл аз ӯ (яъне шавҳари собиқаш) бо шахси дигаре никоҳ баста бошад. Ин ҷазо одилона аст, зеро шавҳарро аз қабули қарорҳои беасос дар масъалаи оиладорӣ бозмедорад.

Муаллиф бар он назар аст, ки шарти муҳимми бастани шартномаи никоҳ мутобиқ ба талаботи ҳуқуқи исломӣ ин пардохти маҳр аст. Маҳр на қиммати пардохти зан (ба мисли мол), балки ҳамчун ифодаи эҳтиром нисбат ба қадру манзалати зан аз ҷониби мард аст. Ҳолати вуҷуд надоштани пардохти маҳр ва шарту шароити он оқибати беэътибории никоҳро доро аст.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 1082 Қонуни мадании баробари баста шудани акди никоҳ зан молики маҳр мегардад ва онро мутобиқ ба салоҳдиди худ истифода менамояд. Одатан ҳолати мансубияти маҳр ва истифодаи он аз ҷониби танҳо зан дар шартномаи никоҳ пешбинӣ мегардад. Дар мавриди соҳибият ва истифодаи маҳр аз ҷониби зан бояд қайд кард, ки дар сурати рад кардани истифодаи махр ва нахостани пардохти он аз ҷониби мард, шавҳарро тибқи талаботи қонун ба ин кор маҷбур мекунанд.

Мутобиқ ба муқаррароти қонун ду ҳолати гирифтани маҳр вуҷуд дорад: бо роҳи мурочиати даъво ба мақомоти судӣ; мурочиат оид ба гирифтани санади иҷроия.

Аммо дар масъалаи муайян кардани ҳаҷми маҳр бошад, бояд эътироф кард, ки ҳадди минималӣ ва максималии он на дар Қуръон, на дар ахбор(ривоят) ва на дар Қонуни маданӣ муқаррар нашудааст. Муайян кардани ҳаҷми махр ба хоҳиши тарафҳор вогузор шудааст.

Дар доираи боби дуюми диссертатсия «**Хусусиятҳои тартиби талоқ дар қонунгузории Эрон**», сабабҳо ва шароити бекоркунии акди никоҳ, навъҳои талоқ ва тартиби қатъи акди никоҳ, ҳуқуқи талоқи зан, вижагиҳои бекоркунии акди никоҳ. бо «унсури бегона» окибатхои ҳуқуқии чудошавй мавриди таҳлилу баррасӣ дода шудаанд.

Дар фасли якум «**Сабабҳо ва шартҳои бекор кардани акди никоҳ**» қайд карда мешавад, ки ҷудошавӣ дар натиҷаи мавҷудияти сабабҳои муайян ё якчанд сабабҳое ба амал меояд, ки ҳаёти зану шавҳарро ғайримумкин мегардонад.

Муаллиф барои муфассал муайян кардани сабабҳои талоқ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон сабабҳои талокро бо василаҳои оморӣ ва таҷрибавӣ муайян кардааст, ки аз рӯи омилҳои муайян гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар доираи омилҳои талоқ муаллиф қувваҳои пешбарандаи пайдоиши низоъ байни зану шавҳарро дарк менамояд, ки табиат ва ё хусусиятҳои инфиродии онро дақиқу равшан менамояд.

Омилҳои марбут ба саломатӣ ва камолоти зану шавҳар, ки дар худ тафовути синну сол, издивоҷи бармаҳал, бемориҳои тӯлонӣ, безурётӣ, номувофиқатии ҷинсиро фаро мегиранд, таъкид шудааст.

Муаллиф инчунин маҷмуи омилҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии талоқ, аз ҷумла, афзоиши талабот ва интизориҳои ҳамсарон аз зиндагии якҷоя дар издивоҷ; тақлид ба фарҳанги бегона, табъиз нисбат ба занон, зӯроварии хонаводагӣ, интихоби сабукфикрона ё моддии ҳамсар, бекорӣ ва набудани пули ҳамсар, муносибати рӯякӣ ва беэҳтиётона ба издивоҷ, таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба лавозимоти берунӣ, фарқияти калон дар таҳсилот ва мансубияти иҷтимоӣ, фарқияти вазъи молиявии хешовандон ва дӯстони зану шавҳар, дахолати хешовандон ба ҳаёти оилавии зану шавҳар, даромади кам ва мушкилоти оилавро низ қайд намудааст.

Яке аз сабабҳои дигари низоъҳои оилавӣ ин ҷой доштани душвориҳои моддӣ ва набудани даромад ба ҳисоб меравад. Афзоиши умумии талаботи истеъмолӣ, паҳншавии лавозимоти беруна, ки баъзан хусусияти нолозимӣ доранд, афзоиш ёфтани талаботи истеъмолии мардум, бахусус афзоиши талаботи кӯдакон ва ҷавонон, вобастагии оилаҳоро баҳри ба таври номутаносиб баланд гардидани даромад ба вуҷуд меорад. Ҳодисаҳои талоқ дар оилаҳое, ки даромади кам доранд, ба далели мушкилоти молӣ нисбат ба дигар оилаҳо ба маротиб бештар мушоҳида мешавад. Падидаи носозгории зану шавҳар дар замони номусоидии иқтисодӣ зиёд шуда, дар давраи буҳронҳои иҷтимоӣ, аз қабили бунбасти иқтисодии кишвар ва ҷанг миқдори ҷудошавӣ ва пошхӯрии оилаҳо ба таври назаррас меафзояд. Ҳолати мазкурро омӯзиши муқоисавии маълумотҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд. Масалан, дар Эрон шумораи талоқҳо кам шуд, махсусан дар шаҳрҳо, ки ин аз таъсири бузурги вазъияти иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

Аркони талоқ дар ислом шартҳои зерин мебошанд:

1. Шахсе, ки талоқ медиҳад, бояд:

а) шавҳари озодона интихобкардаи болиғ бошад;

б) ақли солим дошта бошад;

в) қарорро ихтиёран қабул намояд.

2. Нияти амиқ ифодаёфта, ки чунин унсурҳоро дорост:

а) дидаву дониста;

б) бе мақсад ва шӯхӣ;

в) бидуни зӯроварии беруна ва таъсиррасонӣ;

г) ҳушёр;

д) дар тафаккур ва хотираи равшан;

е) дар ҳолати ором, бе ғазаб ва кина.

Дар ҳолатҳои ишорашуда талоқ эътироф карда мешавад.

Зан ҳуқуқи ба миён гузоштани талоқро дорад, агар огоҳӣ пайдо намояд, ки шавҳараш девона аст ва ё аз беқувватии мардона азоб мекашад ва ё беморие дорад, ки наздикшавии ҷинсиро ғайриимкон менамояд.

Дар доираи фасли дуюми боби дуюм «**Намудҳои ақди никоҳ ва тартиби бекор кардани ақди никоҳ**» муаллиф асосҳо ва тартиби бекор кардани ақди никоҳро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки Қонуни гражданӣ дар м. 1133 муқаррароте муқаррар кардааст, ки мувофиқи он мард ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт бо занаш никоҳи худро бекор кунад, ба истисно дар давраи ҳомиладо-

рии занаш. Дар баробари ин, м. 1136 қоидаеро муқаррар мекунад, ки марде, ки ақди никоҳро бекор мекунад, бояд қобилиятнок, оқил ва озод бошад. Ин маънои онро дорад, ки марди гирифтори бемории рӯҳӣ наметавонад никоҳро бекор кунад. Чунин ҳуқуқро ба ӯ м.1137 ва 1139 додааст, ки мувофики он ӯ метавонад бо ризоияти падару модари занаш ва бо розигии адвокат аз оилааш чудо шавад.

Гуфта мешавад, ки аз назари ислом талоқ хоркунанда маҳсуб мешавад, марди мусалмон набояд мушкилоти издивоҷро сабукфикрона ҳал намуда, аз ҳамсараш талоқ бигирад.

Ба шавҳар додани ҳуқуқи талоқро шариат бо он шарҳ медиҳад, ки зан бо назардошти майл ба стресс ва тағийрпазирии хислаташ наметавонад оқибати аъмоли худро баҳо диҳад. Вай вобаста ба табъаш метавонад талоқ талаб намуда, бо ин ба оила ва фарзандон метавонад зарари калон расонад.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар ҳолатҳои истисноӣ, агар зиндагии муштараки зану шавҳар тоқатнофарсо гардад, ба зан иҷозат дода мешавад, ки ба додгоҳ муроҷиат кунад.

Ҳолатҳое ҳастанд, ки суд метавонад шавҳарро маҷбур кунад, ки талоқ диҳад. Аммо агар шавҳар розӣ набошад, он гоҳ суд ҳуқуқи талоқи занҳоро пайдо мекунад. Дар сурати хиёнати шавҳар ё бедарак шудани ӯ зан дар талоқ симои асосӣ ҳисоб шуда, ин ҳуқуқ барои ӯ маҳфуз шуморида мешавад.

Тибқи қонуни шаҳрвандӣ, агар издивоҷ барои зан тоқатнопазир гардад, вай метавонад ба додгоҳ барои талоқ муроҷиат кунад.

Агар зиндагии муштараки зану шавхар ғайриномумкин бошад, бо иҷозаи мақомот тибқи шариат ақди никоҳ қатъ карда мешавад. Зарурати бекор кардани ақди никоҳ бо ташаббуси зан аз ҷониби мақомоти судӣ дар сурати рафтори ношоистаи шавҳар ба миён меояд.

Омӯзиши навъҳои талоқ ба муаллиф имкон додааст, муайян намояд, ки дар Эрон чанд навъ талоқ вуҷуд дорад: 1) талоқи боин (ниҳоӣ); 2) талоқи раҷоа (қоидаи баргардонидани шавҳар ба занаш); 3) талоқ додани хул (бо ришва додан ба шавҳар аз занаш); 4) Талоқи муборот (бо рохи даст кашидан).

Қонунгузории граждании ҶИЭ падидаи «талоқи такрорӣ»-ро пешбинӣ мекунад. Дар талоқи дуюм шавҳар муҳлати идда дорад (даврае, ки шариат издивоҷ бо зани талоқшударо манъ кардааст), ӯ ҳақ дорад муоширaт кунад (моддаи 1148 ҚМ ҶИЭ). Агар талоқ ошкор набошад, он гоҳ имконияти барқарор намудан ҷой дорад. Масалан, агар ҳангоми талоқи хулъ ва муборот, занро зарурати иваз намудан шавад, талоқ ба талоқи такрорӣ табдил меёбад. Дар ин талоқ, дар давраи идда шавҳар ҳуқуқи муоширатро нигоҳ медорад, яъне дар асоси он ҳаёти оилавиро давом дода метавонад. Дар чунин ҳолат зан ҳуқуқ ба алимент (нафақа) дорад, муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ қатъ намешаванд, шавҳар ҳуқуқи издивоҷ бо хоҳари занашро надорад, зан дар хонаи шавҳар ҳуқуқи маскуншавиро дорад.

Як омили муҳимми чунин навъи талоқ ҳуқуқи муошират байни шавҳар ва зани талоқшуда мебошад.

Шавҳаре, ки мехоҳад занашро баргардонад, бояд ба ҳар забоне қасам бихурад ва ё ба ҳар васила онро баён намояд то занашро ба зарурати барқарор кардани муносибатҳои оилавӣ мутақоид созад (моддаи 1149-и ҚМ ҶИЭ). Талаффузи чунин қасам амали якҷониба аст, ки ҳадафаш баргардонидани зани талоқшуда аз ҳолати идда ба издивоҷи қаблиаш мебошад.

Раҷаъа (мурочиат, қасам) метавонад шифоҳӣ ё амалӣ (хаттӣ) бошад.

Шифоҳӣ: Ба забони форсӣ (ё дигар) ваъда (қасам) мехурам, ки мехоҳам бо... (ё ибораи дигар дар бораи идомаи зиндагӣ) зиндагӣ кунам. Дар ин ҷо самимият аҳамият надорад.

Умуман, мурочиат хусусияти амалӣ надорад, зеро ҳар рафтор ва кирдоре, ки дар худ қасамро ҷой додааст, метавон ба он бовар кард. Вай бояд қасами худро дар нотариус тасдиқ намояд. Барои иҷро накардани ин уҳдадорӣ то 1 сол зиндон ё ҷарима аз 70 ҳазор риёл то 3 миллион риёл муҷозот мешавад. Инчунин, мумкин аст, ки ҳамсар низ ҳамчун шарик дар ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Дар фасли севуми боби дувум “**Ҳуқуқи талоқ аз зан – ҳамчун шарти диспозитивии аҳдномаи ақди никоҳ**” муаллиф қайд мекунад, ки мавқеи зан дар Эрон он қадар беҳуқуқӣ нест, чунон ки дар назари аввал ба назар мерасад. Қонуни граждданӣ мафҳуми ақди никоҳро – ҳамчун шартномаеро, ки хусусияти асосии он бастани ҳатмии шартномаи ақди никоҳ буда, барои ба таври муфассал ба танзим даровардани муносибатҳои тарафҳои никоҳ ва ҳангоми бекор кардани он пешбинӣ шудааст, риоя менамояд.

Нишон дода мешавад, ки моддаи 1119-и Қонуни граждданӣ ба зану шавхар ичозат медихад, ки ба шартномаи никоҳ шартхои гуногун дохил кунанд. Аммо ба ин модда таваҷҷуҳ зоҳир накардани ҷомеа ва оқибатҳои номатлуби мавҷуд набудани ҳуқуқи бекор кардани ақди никоҳ барои занҳо Шӯрои Олии додгоҳиро маҷбур намуд, зану шавҳар бе сабабҳои узрнок никоҳро бекор карда, ба шартномаи ақди никоҳ муқаррароте ворид кунанд, ки ба зан ҳуқуқи бекор кардани ақди никоҳ ва ҳуқуқи гирифтани таъминоти моддиро диҳад. Модаи мазкур барои баррасии баъзе муқаррароти шартномаи никоҳ бо пешниҳоди пешниҳоди қонунгузорӣ оид ба самараноктар истифода бурдани шартҳои аҳдномаи ақди никоҳ нигаронида шудааст.

Сарфи назар аз он ки ақди никоҳ иттиҳоди ихтиёрии зан ва мард дониста шуда, барои бунёди оила ва зиндагии якҷоя баста шудааст, барои риоя намудани тартиботи чамъиятӣ ва осон гардонидани ҷараёни кайди ақди никоҳ, қонунгузорӣ тартибу низоми муайяни қайди ақди никоҳро пешбинӣ мекунад. Дар ин маврид оила на танхо кори шахсии зану шавхар аст, балки ба манфиатхои чамъиятӣ низ дахл мекунад. Ҳангоми бастани ақди никоҳ ҳамсарони оянда метавонанд шартҳои худро ба аҳдномаи ақди никоҳ ворид намоянд.

Имрӯз зиёда аз 80 фоизи талоқҳо тибқи шартҳои дар аҳдномаи пешбинишуда сурат мегиранд. Албатта, ворид намудани шартҳо ба аҳдномаи ақди никоҳ на танҳо барои зан барои гирифтани ҳуқуқи бекор кардани ақди никоҳ муҳим аст, балки бисёр бартариҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки ҳуқуқ ва уҳда-

дориҳои зану шавҳарро ҳангоми зиндагии якҷоя муайян мекунанд, масалан, додани ҳуқуқ барои муайян намудани ҷойи истикоматии зан ва гайра.

Шартҳо ҷанбаи ҳатмии аҳднома нестанд, вале аксар вақт онҳо ба шартномаи ақди никоҳ дохил карда мешаванд ва баъдтар барои талоқ асос мешаванд. Дар байни онхо: 1) шароити сифат; 2) шартҳои натиҷа; 3) шартҳои амал.

Муаллиф ба унвони мисол талаби шавхарро барои бакорат дар зани оянда, талаби унвони докторй, саломатии хуб ва гайра овардааст.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки таҳти мафҳуми натиҷа содир намудани амалҳои муайяне фаҳмида мешавад, ки оқибатҳои он боиси пайдоиши ҳуқуқи талоқ мегардад.

Қайд карда мешавад, ки шарти амал ин содир намудани амал ё беамалии муайянеро ифода мекунад, ки барои зан асоси бекор кардани ақди никоҳ дониста мешавад.

Муаллиф дар асоси гуфтаҳои боло мисолҳои зерин меорад:

1. Шарти шавҳар дар вақти никоҳ бокирагии заниояндаи ӯ буд (ҳолати сифатӣ). Дар сурати ошкор шудани ҳолати баръакс, шавҳар тибқи шартҳои аҳдномаи никоҳ метавонад никоҳро бекор кунад. Ба ҳолати сифат, талаботи сифатӣ ё миқдорӣ дохил мешавад, масалан доктори илм будан, саломатии хуб доштан ва ғ.

Шарти натиҷа маънои амали муайянеро дорад, ки иҷрои он боиси оқибатҳои дар ҳамон шарти шартнома зикршуда мегардад. Масалан, зан ба шартнома банди натиҷа дохил кардааст, ки агар шавҳараш нашъаманд шавад, вай ҳуқуқи талоқро дорад. Агар, ҳангоми зиндагии якҷоя шавҳар ба истеъмоли маводи мухаддир шурӯъ карда, ба нашъаманд табдил ёбад, дар натиҷа зан ҳақ дорад талоқ диҳад.

Шарти иҷро маънои амал ё беамалии муайянеро дорост, ки оқибатҳои дар шартнома пешбинишударо ба бор меорад ва барои бекор кардани ақди никоҳ имкон медиҳад. Аммо, шавҳар ҳамчун тарафе, ки ин шартро гузоштааст, метавонад онро бекор намуда, бо ҳамсараш зиндагии якҷояро идома диҳад.

2. Дар вақти издивоҷ зан шарт мегузорад: агар шавҳар тасмими дубора издивоҷ карданро кунад, вай ҳуқуқи талоқро мегирад (шарти натиҷа). Аммо тарафе, ки шарт гузоштааст, яъне зан, агар бихоҳад, метавонад шарти худро бекор намояд.

Ба тарафе, ки шарт гузоштааст, агар тарафи дигар онро вайрон кунад, чӣ ҳуқуқҳо дода мешаванд ва чӣ гуна иҷроиш амалӣ карда мешавад?

Дар сурати вайрон шудани шарти сифат тарафе, ки шарт гузоштааст, ҳуқуқи бекор кардани никоҳро мегирад. Ҳамин тавр, агар зан шарт гузошта бошад, ки шавҳариояндааш бояд доктори илмҳои ҳуқуқ бошад, вале шавҳараш онро соҳиб набошад, пас вай ҳақи талоқро соҳиб мегардад.

